# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия, шаҳри Душанбе, сол 2026**

Дар асоси таҳлили диссертатсия, автореферат ва корҳои интишоршуда, ба натиҷаҳои бадастомада ва арзёбии илмии онҳо такя намуда, метавон тақризи расмиро ба таҳқиқоти Султонмамади Гулмамад ба тарзи зерин пешниҳод намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Рисола ба шиносномаи ихтисоси 1.5.6. Биохимия, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бандҳои зерин тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад:

Мувофиқи банди 1. Таркиби химиявӣ, сохт ва хосиятҳои модаҳои табиати зинда; таҳқиқоти хосиятҳо, ҷудокунӣ ва тарзҳои истифодаи пайвастагиҳои ба синфҳо ва гуруҳҳои гуногун мансуб буда- зербоби 2.7.

Мувофиқи банди 3. Афзоиш ва морфогенези растаниҳо - зербоби 3.1.

Мувофиқи банди 4. Равандҳои биохимиявӣ дар растаниҳо- боби 4.

Мувофиқи банди 7. Нақши биологии биосинтез ва табдилёбии карбогидратҳо ва полисахаридҳо, таҳқиқоти таъсири омилҳои эндо ва экзогенӣ ба мубодилаи карбогидратҳо- зербоби 3.4. 4.4.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**.Тибби анъанавӣ дар соҳаи тандурустӣ дар саросари ҷаҳон нақши калидӣ дорад. Аз ин лиҳоз, дарёфти маълумоти илмӣ оид ба растании сич (*Eremurus* Bieb) яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқоти диссертант маҳсуб меёбад. Барои ҳалли ин масъала, омӯзиши пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании мазкур, ки дорои хосиятҳои шифобахшӣ мебошанд, аҳаммияти махсус дорад. Ин пайвастагиҳо метавонанд барои такмил ва афзоиши истеҳсоли доруҳои растанигии ватанӣ мусоидат намоянд.

Аз ин рӯ, омӯзиши таркиби пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus* Bieb) ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳими ашёи хом барои истеҳсоли доруҳои растанигӣ арзиши баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Бо вуҷуди ин, то имрӯз хосиятҳои химиявии пайвастагиҳои фитохимиявии захиравии таркиби растании сич пурра омӯхта нашудаанд. Бинобар ин, таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами илми муосир ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Дар асоси омӯзиши хосиятҳои физикӣ-химиявии пайвастагиҳои фитохимиявии растаниҳои *E.robustus* Regel ва *E.hissaricus* Vved бо истифода аз усулҳои спектроскопияи инфрасурхи Фуре (ИС-Фуре) ва электрофорези қатрагӣ муайян карда шуд, ки растаниҳои мазкур дорои пайвастагиҳои гуногуни химиявӣ, аз ҷумла чарбҳои мумӣ, полисахаридҳо, фенолҳо ва флавоноидҳо мебошанд. Ҳамчунин, хосиятҳои заҳрнокии баъзе аз пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании *E. hissaricus* Vved дар каламушҳои сафеди таҷрибавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Аз ҷумла, глюкоманнане, ки аз таркиби растании *Eremurus*

*hissaricus* Vved ҷудо карда шудааст, ҳамчун моддаи ғайризаҳрнок арзёбӣ гардид. Натиҷаҳои таҳқиқоти амалӣ ва назариявии диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дорои навгонии илмӣ буда, барои рушди илм ва истеҳсоли доруҳои растанигӣ аҳаммияти назаррас доранд

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳлил намудани динамикаи ҳосилшавии массаи биологӣ ва ҷудо кардани пайвастагиҳои фитохимиявӣ аз узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии намудҳои растании *Eremurus* Bieb вобаста ба минтақаҳои таҷрибавӣ;
2. Таҳлили динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявӣ дар растании -*E. hissaricus* Vved ва *E. robustus* Regel вобаста ба давраҳои инкишоф;
3. Муайян кардани сахти заҳрнокии баъзе аз пайвастагиҳои фитохимиявӣ ва омӯзиши компонентҳои химиявии таркиби пайвастагиҳои полифенолӣ ва карбогидратии растании сич-*Eremurus* Bieb;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада тавассути такрорёбии кофии таҷрибаҳо ва маълумоти озмоишӣ, ки бо истифода аз методҳои муосири химиявӣ-биохимиявӣ: спектрии ИС-Фуре, гел-филтркунонӣ бо сефадекси G-100, электрофорези қатрагӣ ва хроматографияи мубодилаи ионӣ истифода бурда шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, хулоса, феҳристи маъхазҳо (234 - сарчашма, аз ҷумла 70 - сарчашма бо забони хориҷӣ) иборат буда, 157 саҳифаи чопи компютерӣ, 19 - ҷадвал ва 43 расмро дар бар гирифтааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якум "Шарҳи адабиёт" муҳаққиқ маълумоти муфассалро оид ба хусусиятҳои фенологӣ, морфологию анатомӣ ва интродуксияи авлоди намудҳои сич (*Eremurus*), усулҳои ҷудо намудани пайвастагиҳои фитохимиявӣ аз узвҳои нашвӣ ва генеративии намудҳои авлоди сич (*Eremurus*), мавҷудияти пайвастагиҳои фитохимиявӣ дар таркиби сич (*Eremurus*) ва истифодабарии пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби сич (*Eremurus*) дида баромада шудааст.

**Маълумоти мухтасар дар бораи шароити табиии макони таҳқиқот**

Дар боби мазкур маълумот оид ба шароити табиии макони таҳқиқот, тавсифи мавқеи географӣ, релеф, иқлим ва таркиби хоки минтақаҳои таҷрибавӣ оварда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, мазмун ва равиши умумии қисми таҷрибаҳои илмиро ба таври муфассал баён менамояд. Ин боб ба таври амиқ шароити гузаронидани таҳқиқот, объектҳои омӯзиш ва маҷмӯи усулҳои илмие, ки барои муайянсозии хусусиятҳои биохимиявӣ ва морфологии растании сич истифода шудаанд, инъикос мекунад. Ин боб нишон медиҳад, ки таҳқиқот дар асоси таҳлилҳои саҳроӣ ва лабораторӣ, бо истифода аз меъёрҳои муосири илмӣ ба роҳ монда шудааст.

Боби сеюм омӯзиши давраҳои нашвӣ ва динамикаи тағйирёбии биомассаи умумӣ, динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимявии сичи калон (*E.robustus* Regel) ва сичи ҳисорӣ (*E.hissaricus* Vved) дар минтақаҳои таҷрибавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар боби чорум оид ба хосиятҳои биохимиявӣ ва заҳрнокии пайвастагиҳои фитохимявии растании *E.robustus* Regel ва *E.hissaricus* Vved ба дастовардашуда маълумот дода шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои ба истеҳсолот пешниҳодгардида аз мазмуни диссертатсия сарчашма мегиранд ва бар пояи маълумотҳои таҳқиқоти аслии муаллиф арзи вуҷуд менамоянд. Саҳеҳӣ ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада шубҳанок набуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонад дар рушди соҳаи дорусозӣ ва кишоварзии мамлакат, нақши муҳим гузорад.

Автореферата диссертатсия мазмуни муҳими, навгонӣ ва аҳамияти амалии хулосаҳою тавсияҳоро инъикос намуда, ба талаботҳои меъёрӣ мутобиқ аст

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия;** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ 6 дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи илмӣ мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия, 6 фишурдаи илмӣ дар Конфронсҳои байналмилалӣ ва 4 фишурдаи илмӣ дар Конфронсҳои ҷумҳурявӣ нашр карда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Унвонҷӯ дар кори пешниҳодшуда хосиятҳои физико-химиявии растании *E. hissaricus* Vved -ро мавриди омӯзиш қарор додааст. Бо вуҷуди ин, хосиятҳои физико-химиявии растании *E. robustus* Regel дар ҳамин замина ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд;
2. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлои зиёд ҷой дорад.
3. Дар матни диссертатсияи унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад оварда шудааст, ки таркиби растании *E. robustus* Regel аз фруктозанҳо ва таркиби растании *E. hissaricus* Vved дорои глюкомоннанҳо мебошад. Аммо дар автореферат танҳо глюкомоннанҳои растании *E. hissaricus* Vved маълумот дода шудааст барои чи?

Эродҳои мазкур хусусияти ислоҳшаванда дошта, ба моҳият ва аҳамияти умумии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои гузошташударо пурра иҷро намуда, дар тӯли солҳои зиёд дар роҳи пурмашаққати илм

фаъолият бурда, теъдоди зиёди мақолаҳои илмиро дар ин самт таълиф кардааст.

Хулоса, диссертатсияи мазкур бо дарназардошти аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии мавод, сатҳи баланди методологӣ ва натиҷаҳои боэътимод ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6 Биохимияи пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи
ихтисоси 6D060717 Биохимия,
Омӯзгори кафедраи химияи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Меҳринигори Булбулназар
«11» 03 соли 2026

Суроға: 734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино
кӯчаи Маяковскӣ 70/2. хонаи 61
Тел: +992 938 25 44 66
E-mail:

Имзои доктори фалсафа (PhD)
доктор аз руйи ихтисоси 6D060717 Биохимия
Меҳринигори Булбулназар - ро тасдиқ мекунам
Раёсати кадрҳо кргузорӣ ва назорати ДТТ Абдуназаров А.Ҷ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
734061, шаҳри Душанбе,
куч. Неъмат Қарабоев 63/3.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Тел: +992 37 234 79 89; +992 37 234 79 88
E-mail: rectorat@tut.tj ; http://tut.tj